# ПРОТОКОЛИ № 14

ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-040 оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти доктори фалсафа, доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

29.04.2019 ш. Душанбе

**Иштирок карданд**: аз 16 *нафар аъзоёни* Шӯро 14 нафар иштирок карданд, аз онҳо 6 нафар доктороҳои илм аз рӯйи ихтисос

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи кушоди диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ)

Аз рӯйи масъалаи мазкур шӯрои диссертатсионӣ – доктори илмҳои филология, узви вобастаи АИ ҶТ Раҳматуллозода С. шунида шуд:

Аз рӯйи масъалаи рӯзнома ҳимояи кушоди диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) баррасӣ мешавад.

Диссертатсия дар шуъбаи луғат ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ – Султонов Мирзоҳасан Баротович**, доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи луғат ва истилоҳоти Институти забон в адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҷоматов Самиддин Салоҳиддинович**, доктори илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва **Муҳаббатов Абулфазл,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода (ш. Душанбе).

Котиби илмӣ хуҷҷатҳои ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳодшударо ном бурд.

Абдуллоева З.Ф. муҳтаво ва вазифаҳои муҳимми баррасишудаи диссертатсияи номзадии худро шарҳ дод.

Ба унвонҷӯ вобаста ба мавзӯъ аз ҷониби доктор ва номзади илмҳои филологӣ якчанд савол дода шуд: С. Назарзода, С. Сабзаев, А. Нозимов, Ш. Раҳмонов.

Унвонҷӯ ба саволҳо ҷавобҳои саҳеҳ дод.

Тақризи роҳбар пешниҳод шуд.

Котиби илмӣ матни пурраи тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода (ш. Душанбе) ва тақризҳои ба автореферат воридшударо қироат кард.

Унвонҷӯ ба тамоми эродҳои тақризҳо ҷавоб дод.

Муқарризҳои расмӣ суханронӣ карданд:

**Ҷоматов Самиддин Салоҳиддинович**, доктори илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва **Муҳаббатов Абулфазл,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Унвонҷӯ барои ҷавоб ба эродҳои муқарризони расмӣ баромад кард.

Дар муҳокимаи диссертатсия С. Назарзода, С. Сабзаев, А. Ҳакимов, А. Нозимов, П. Нуров, О. Қосимов суханронӣ карданд.

Унвонҷӯ бо сухани хотимавӣ баромад кард.

Тартиби овоздиҳаии пинҳонӣ оғоз огоз шуд. Барои ин дар овоздиҳии кушод комиссияи ҳисоб иборат дар ҳайати 3 нафар интихоб шуд: доктори илмҳои филологӣ М. Муллоаҳмадов – раис, доктори илмҳои филологӣ, С. Сабзаев ва доктори илмҳои филологӣ П. Нуров – аъзоён.

Аз 16 нафар аъзои шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар, аз онҳо 6 нафар аз рӯйи ихтисос докторҳои илм иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 14 нафар, «Зид» - нест, «баргаҳои беэътибор» – нест.

Аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ дар овоздиҳии кушод протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ карданд.

Хулоса ва қарори шӯрои диссертатсионӣ дар овоздиҳии кушода оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ Абдуллоева Заррина Фатуллоевна аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ).

## ҚАРОРИ

шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-040 -и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ

Суханронии Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ), муассисаи тақриздиҳанда, муқарризони расмӣ: докторони илмҳои филологӣ Султонов Мирзоҳасан Баротович ва Ҷоматов Самиддин Салоҳиддиноич ва муқарризони ғайрирасмӣ – номзади илмҳои филологӣ Амлоев Аминҷон Ятимович, Нурхон Гадоев ва доктор фалсафа дар илмҳои филологӣ (PhD) Адашуллоева Гулноза Мухайбиновнаро шунида, муҳокима карда, шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба даст овардаи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №5 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсия ва мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи АИ ҶТ — Раҳматуллозода С.Р.

Котиби илмии шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ — Ҳошимова Х.А.